## Тақриз

**ба диссертатсияи Кабиров Шарифбек Абдусаломович дар мавзуи “Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ.**

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи диссертатсия ба вижагиҳои муқоиса ва тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ бахшида шудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мутобиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Бо шарофати Истиқлоли давлатӣ ҳамаи соҳаҳо дар кишвари мо рӯ ба тараққӣ ниҳоданд. Истиқлолият барои кишвари мо роҳро ба сӯйи муносибатҳои байналмилалӣ кушод. «Бо фаро расидани Истиқлол миллати деринатаърих пас аз ҳама поймолсозиҳои манфиатҳои миллӣ парчами озодӣ ва истиқлолро дар қалби Осиё, дар яке аз минтақаҳои пурҷӯшу хурӯши сиёсати ҷаҳони барафрохта, ҷойгоҳи шоистаи хешро дар сиёсату иқтисод ва фарҳанги ин ҳавзаи азими тамаддунзо ба даст овард».

Рӯз то рӯз дар муносибатҳои байналмилалӣ ҷумҳурӣ ба фазои ҷаҳони мутамаддин роҳ ёфта истодааст. Соҳаи илми забоншиносӣ низ дар ин давра хеле рушд намудааст. Махсусан, омӯзиш ва муқоисаи забони тоҷикӣ бо забони англисӣ, ки ҳар ду ба як оила, яъне оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ мансубият дошта, аз рӯйи сохтори морфологӣ низ ба гурӯҳи забонҳои аналитикӣ дохил мешаванд, хеле такомул ёфтааст. Аз ин ҷост, ки нақши забони англисӣ ва омӯзиши он барои тоҷикзабонҳо хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Мавзӯи диссертатсияи Кабиров Шарифбек Абдусаломович мубрам, муҳим ва саривақтӣ ҳисоб ёфта, он метавонад барои дар оянда равшан гардидани нуктаҳои то ҳол нокушодаи ин масъала мусоидат намояд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дар диссертатсия аввалин маротиба омӯзиши назариявии мафҳумҳои варзишӣ дар забони имрӯзаи англисӣ ба роҳ монда шудаст. Аввалин маротиба усулҳо ва методҳои тарҷумаи мафҳумҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ нишон дода шудааст. Мушкилоти тарҷумаи калимаҳои соҳаи варзиш аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ ошкор гардидаст. Нахустин бор дар диссертатсия хусусият ва методҳои асосии тарҷумаи мафҳумҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ муайян карда шудааст. Умумият ва фарқияти мафҳумҳои соҳаи варзиш дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ нишон дода шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои асосии диссертатсия дар ҷараёни гузаронидани корҳои амалӣ, конференсияҳои илми-назариявӣ, семинарҳо доир ба масъалаи назария ва амалияи роҳу усулҳо ва методҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо, ибораҳои

варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ, гузориш ва муҳокимаҳои мунтазам дар ҷаласаҳо, семинарҳои илмӣ-амалии кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, зимни суханрониҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ татбиқи худро ёфтаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки маводи диссертатсионии мазкур метавонад дар омӯзиши минбаъдаи муқоисавии мафҳумҳо, истилоҳоти варзишӣ ҳангоми тарҷума мусоидат намояд. Натиҷаҳои бадастомада барои ҳалли як қатор масъалаҳои забоншиносии муқоисавӣ ва тарҷумашиносӣ ҳангоми муқоиса ва тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ҳамчун заминаи илмию назариявӣ метавонанд мавриди истифода қарор гирад.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки тавсияҳои назариявӣ-методии пешниҳодкардашуда доир ба роҳҳо, усулҳо ва методҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишии англисӣ ба таври васеъ мавриди истифодаи амалӣ қарор гирифта метавонанд. Хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, бо методологияи муносибати низомӣ, консепсияи илми забонишносӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот такя мекунад. Натиҷаҳои илмии диссертатсия барои омӯзиши забони англисӣ, тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишии англисӣ барои тарҷумонҳо хизмат карда метавонад.

Ҳамчунин, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар раванди таълими равияи забоншиносии муқоисавии таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ ҳамчун дастури таълимӣ истифода шаванд. Ғайр аз ин, натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар таълифи луғатҳои дузабонаи забони англисӣ-тоҷикӣ мавриди истифода карор дод.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Натиҷаҳое, ки зимни пажуҳиши мавзуъ ба даст омадаанд, дорои арзиши илмию амалӣ мебошанд. Қоидаҳо, хулосаҳо ва тавсияҳои илмие, ки дар диссертатсия тавсия гардид, бо методологияи муносибати низомӣ, консепсияи илмии ташхиси забоншиносӣ асоснок карда шуда, ба методҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот такя кардаанд, ки бешубҳа ҳамчун мавод дар амалия кӯмак мерасонанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар ҷаласаҳои кафедраи назария ва типологияи забони англисии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (солҳои 2021 – 2024), дар конференсияҳои вилоятӣ,ҷумҳуриявӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввар ба таври васеъ баррасӣ гардидаанд.

Диссертатсияи ба тақриз пешниҳодшуда аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти мавриди истифодаи муҳаққиқ қароргирифта иборат аст.

Дар **муқаддима** мубрамии мавзуъ, навоварии илмӣ ва дараҷаи омӯзиши он асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия, асосҳои методологӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, объект, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян шудаанд.

**Боби аввали** диссертатсия “Асосҳои назариявии мафҳумҳои соҳаи варзиш” унвон гирифта, он аз се зерфасл иборат мебошад. Дар ин қисмат мафҳум, моҳият ва навъҳои гуногуни истилоҳоти соҳаи варзиш, хусусиятҳои луғавии онҳо ва тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

**Фасли аввали боби мазкур “Ҷанбаҳои назариявии мафҳумҳои варзишӣ ва тарҷумаи онҳо аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ”** номгузорӣ шуда, дар ин фасл ҷанбаҳои назариявии вожагони соҳаи варзиш ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Дар фасли дуюми боби мазкур бошад, ҷойгоҳи истилоҳоти соҳаи варзиш ва мафҳумҳои варзишӣ ба тариқи схема ва нақша тасниф гардидааст. Муаллиф дар ин фасл номгӯйи воситаҳои истилоҳоти варзиширо дар такя ба осори дигар муҳаққиқон ба гурӯҳҳои фаъолияти варзишӣ, худуди варзишӣ, намудҳои гуногуни мусобиқоти варзишӣ, сифатҳои варзишгарон, муассисаҳои варзишӣ ва дараҷаҳои варзишӣ ҷудо намуда, онро ба забони англисӣ тарҷума менамояд.

Зербоби сеюми боби якум ба мавзуи “Мавқеи калимаву истилоҳ ва мафҳумҳои варзишӣ дар лексикаи забони англисӣ ва хусусиятҳои онҳо” бахшида шуда, дар он ҷойгоҳи калима ва истилоҳоти соҳаи варзиш таъкид мегардад.

Як муваффақияти бузурги диссертант дар он зоҳир мегардад, ки ҷанбаҳои зерини хусусияти байналмилалӣ доштани истилоҳоти соҳаи варзишро муайян намудааст:

- тарҷумаи қоидаву дастурамалҳо, ташвиқу таблиғоти иттилооти байналмилалӣ;
- иштирок дар анҷуманҳои байналмилалии варзишӣ;
- дастрас намудани натиҷаҳои чорабиниҳои варзишӣ тавассути васоити ахбори омма;
- ширкат дар озмунҳо, тарҷумаи нутқи шифоҳӣ дар вақти гузаронидани мусобиқаҳои байналмилалӣ.
- Дар ҳамин фасл, инчунин муаллиф бо овардани иқтибос аз олимони машҳури соҳа И.С.Квитко ва Ҳомидов М. дар хусуси лексикаи варзишӣ ва хусусиятҳои тарҷумаи онҳо сухан ронда, маъноҳои гуногуни истилоҳоти варзишро таҳқиқ менамояд.

**Боби дуюми** диссертатсия **“Вижагиҳои тарҷумаи мафҳумҳо, ибораҳо ва вожаҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ”** унвон дошта, он аз чор зербоб иборат аст. Зербоби якум **“Ҷанбаҳои хоси тарҷумаи мафҳумҳои варзишии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ”** номгузорӣ шуда, дар он тарҷумаи мафҳумҳои варзишӣ махсус зикр мегардад, яъне номгузории ибтидоӣ, номгузории дубораи маҷозӣ, инчунин аз рӯи маъно тасниф гардидани навъҳои гуногуни бозиҳои варзишӣ аз нигоҳи муаллиф баён гардидааст.

Вожаҳои мураббӣ, конкитозӣ, ҳимоятгар, пойгачӣ, футболбоз, голф, шиноварӣ, хоккейбоз, спринт ва тарҷумаи он ба забони тоҷикӣ ҳамчун далел барои исботи андешаҳои зикргардида оварда мешаванд.

Ғайр аз ин, феълҳои гуногуни забони англисӣ, хосса феълҳои маъмули он ба забони тоҷикӣ тарҷума гардида, хусусиятҳои луғавии онҳо бо мисолҳои зиёде исбот гардидааст.

Ба андешаи муаллиф нақши субстансиватсия дар тарҷумаи вожагони соҳаи варзиш зиёдтар ба назар мерасад.

Зербоби дуюми боби дуюм **“Услҳои тарҷумаи мафҳумҳои варзишӣ”** ном гирифта қайд мегардад, ки ба матнҳои варзишӣ хусусиятҳои баёни анъанавӣ, саҳеҳии маълумот, баёни мукаммал ва сохтори луғоти ғайришахсӣ хеле хос мебошад.

Дар фасли мазкур овонависӣ, транслитератсионӣ, калкакунӣ, мушаххаскунӣ, умумикунонӣ, модулятсия тарҷумаи тасвири муродифӣ ҷубронкунӣ ҳамчун муҳимтарин ҷузъҳои тарҷумаи таҳвилӣ, лексикӣ нишон дода шуда мисолҳои зиёде оварда мешавад.

Дар ҷадвалҳои махсус мусоҳибаҳои варзишӣ ва хусусиятҳои тарҷумаи онҳо нишон дода шудааст, ки ниҳоят ҷолиби диққат мебошад.

Дар зербоби сеюми ҳамин боб сухан дар бораи сленгҳои варзишӣ ва усули тарҷумаи онҳо ба забони англисӣ меравад, ки ба фикри инҷониб хеле мароқангез аст.

Мусаллам аст, ки ҳамаи забонҳои дунё дар таҳаввулоти доимӣ қарор дошта, таркиби луғавии онҳо аз калимаҳои нави соҳаҳои мухталифи ҷомеа ғанӣ мегардад.

Сленгҳои варзишӣ низ аз қабли чунин таҳаввулотест, ки рӯз то рӯз рӯ ба афзоиш овардааст, ки албатта ин тақозои замон мебошад. Аз ҷониби муаллиф сленгҳои варзишӣ хеле муфассал таҳқиқ гардида, чунин хусусиятҳои онҳо махсус қайд гардидааст.

1.Форамӣ ва эмотсионалӣ будани сленгҳои варзишӣ;
2.Нигоҳ доштани шакли қадимаи сленгҳо;
3.Баромади иҷтимоии сленгҳои варзишӣ.

Паҳлуи дигари ҷолиби диққат дар диссертатсия он аст, ки диссертант роҳҳои калимасозии сленгҳоро дуруст муайян менамояд, ки инҳо конверсия, аффиксатсия, иборасозӣ ва мухтасаркунӣ мебошад.

Ғайр аз ин, қайд гардидааст,ки сленгҳои варзишии забони англисӣ бо таъсири забони англисии америкоӣ ба тағйироти фонетикӣ дучор гардидаанд.

Фасли чоруми боби диссертатсия **“Мафҳумҳои варзишии англисӣ дар матнҳои публисистию бадеӣ ва хусусиятҳои тарҷумаи онҳо”** унвон дорад, ки дар он хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳои варзишӣ таҳқиқ гардидааст.

Ҳамаи мафҳумҳои варзиширо дар ҳамин боб аз рӯи сохтор ва алоқаи мувофиқати дохилӣ муҳаққиқ ба якҷузъа ва бисёрҷузъа ҷудо карда, мисолҳои зиёдеро гирдоварӣ намудааст.

Сохтори луғоти варзишӣ дар заминаи ақидаҳои забоншиноси рус Н.А.Адаменко ба таври хело ҳам хуб тақсимбандӣ гардидааст:

Аз нигоҳи мо ҳамон вақт тарҷума душворӣ меорад, ки дар он мафҳумҳо сермаъно бошанд. Ин ақидаро диссертант низ бо далелҳо таъкид намудааст.

Ҳар як қисмати рисола хулосаҳои мушаххаси бобро дар бар мегирад. Хулосаҳои муаллиф аз натиҷаи бадастовардааш дар 24 банд ҷамъбаст гардидаанд, ки ҳамагӣ асоснοканд.

Диссертант ҳангоми таҳияи рисола ба қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва аломатҳои китобат, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №268 тасдиқ шудааст, диққати махсус зоҳир намуда, дар асоси ин ҳуҷҷати зарурӣ корашро омода кардааст. Гузашта аз ин, диссертатсия босаводона таҳия шуда, дар он ғалатҳои имлоӣ, китобӣ ва услубӣ ниҳоят кам ба мушоҳида мерасад, ки ин аз масъулияти баланд ва дониши хуби диссертант шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тариқ, аз мутолиа ва таҳлили диссертатсияи мавриди тақриз чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки Кабиров Шарифбек Абдусаломович мавзуъро хуб ҳазм намуда, ба ҳалли вазифаҳои дар назди худ гузоштааш ба ҳадаф расидааст. Маводи назариву амалии фаровоне, ки муҳаққиқ гирд оварда, таҳлил намудааст, аз заҳмати зиёди ӯ дарак медиҳад. Муҳокимарониҳо ва баҳсҳои диссертант дар рисола бамаврид ва илман асоснοканд. Аксари мулоҳиза ва нуктаҳои назари баённамудаи ӯ ҷолиби таваҷҷуҳ ва арзишманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва худи он дар маҷмуъ ба тамоми талаботи муқарраршуда ҷавобгӯ мебошанд.

Сарфи назар аз дастовардҳо дар фишурда ва ҳам дар рисола баъзе камбудиҳое ҷой доранд, ки, аввалан, ислоҳпазиранд ва сониян, зикр ва ислоҳи онҳо дар оянда ҳусни корро меафзояд:

1. Ба андешаи мо дар муқаддимаи диссертатсия тавсифи умумии кор ниҳоят мухтасар дода шудааст, ки он бояд мавриди бозбинӣ қарор дода шавад;
2. Хуб мебуд, агар фаслҳои дуюм ва сеюми боби дуюм бо ҳам муттаҳид карда мешуданд;
3. Мутаассифона на дар ҳамаи бобҳои диссертатсия овардани нақша, диаграмма ва гистаграммаҳо ба мушоҳида мерасад;
4. Дар диссертатсия муаллиф аз асарҳои олимони соҳаи варзиш Ш.Сафаров, Л.Губанова, Д.Каримова, Н.Турсунов ва дигарон истифода накардааст,ки ин боиси нигаронӣ мебошад;
5. Дар боби дуюми диссертатсия ҷиҳатҳои этимологии вожа ва сленгҳои варзишӣ ба эътибор гирифта нашудааст;
6. Роҳ ёфтани ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва грамматикӣ дар саҳифаҳои 5, 12, 17, 25, 29, 107, 122, 125, 158 ва ғайраҳо ба мушоҳида мерасад.

Ин мулоҳизот ва эродҳо ҷанбаи тавсиявӣ дошта, ислоҳпазиранд ва аҳаммияти назариву амалии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Рисолаи номзадии **Кабиров Шарифбек Абдусаломович** дар мавзуи **«Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ »** кори илмию таҳқиқотии мукаммал ва ба анҷомрасида буда, ба меъёрҳои муқарраршуда ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология пешниҳод гардидааст, мувофиқат мекунад.

Фишурдаи рисола ва мақолаҳои илмии интишорнамудаи муҳаққиқ ба андозаи кифояткунанда мазмуну муҳтавои рисолаи номзадиро инъикос намудаанд.

Дастгоҳи илмии таҳқиқот низ ба меъёру талаботҳои рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда метавонад.

Хулоса, метавон тазаккур дод, ки муҳтавои фишурда низ бо рисолаи илмӣ пурра мувофиқат мекунад. **Диссертатсияи Кабиров Шарифбек Абдусаломович "Хусусиятҳои тарҷумаи мафҳумҳо, вожаҳо ва ибораҳои варзишӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ"** ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.20 – **Забоншиносии муқоисавӣ –таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣкори баанҷомрасида ва мувофиқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таълифгардида буда**, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ ва **муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ мебошад.**

**Муқарриз:** Доктори илмҳои филологӣ, профессор мудири кафедраизабонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С.Раҳимов **Шафоатов Азал Нусратович**

Имзои А.Н.Шафоатовро
**Тасдиқ мекунам**

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва ҳуқуқи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов Шерализода З. Ш.

**Суроға:** ш. Душанбе, маҳаллаи Лучоб-53,
734053. тел. 224-73-77; факс 224 56 87.
E-mail: mehrpaivand@inbox.ru.
"19" марти соли 2025